# *Тақриз*

*ба автореферати диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик*

Адабиёти солҳои 50-70-уми асри XX яке аз давраҳои пурғановати таърихи адабиёти муосири тоҷик буда, дар баробари тағйирот дар ҳаёти сиёсию ичтимоӣ дар ин марҳила дар адабиёт низ таҳаввулоти шаклию мундаричавӣ ва ҳунарию бадеӣ ба мушоҳида мерасад, ки намунаҳои барҷастаи он осори устодон Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи зиндагиномаю мероси адабӣ ва таъйини нақшу ҷойгоҳи чунин чеҳраҳои адабӣ аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои илми адабиётшиносӣ мебошад. Ба ин мавзӯъ ва масъала рабт доштани мавзӯи таҳқиқии Бобомаллаев И.Ҷ. худ муҳиммияти кори ӯро бозгӯ менамояд.

Баъд аз дастрас гардидани автореферати диссертатсияи номзадии муҳаққиқ мо аз фаъолияти гуногунсоҳаи ин адиб ҳарчи бештар огаҳӣ пайдо кардем. Аз муҳтавои афтореферати диссертатсия бармеояд, ки Аминҷон Шукӯҳӣ дар таҳаввули назму насри солҳои 50-70-уми асри XX хидматҳои зиёде намудааст. Мутаассифона, то таълифи диссертатсия ва автореферати мавриди назар таҳқиқоти илмии фарогир оид ба рӯзгору осори Аминҷон Шукӯҳӣ ба назар намерасад.

Таҳқиқу муқаррар намудани таҳаввулоти назм дар ин ва ё он марҳила яке аз масъалаҳои басо муҳим ва серпаҳлӯи адабиётшиносӣ ба шумор меравад. Махсусан, вижагиҳои лирикаи ошиқонаю тасвирӣ ва баррасию таҳқиқи ташаккулу таҳаввули он дар адабиёти нимаи дуюми садаи бисти тоҷик, ки мавриди пажуҳиши Бобомаллаев И.Ҷ. қарор гирифтааст, дар адабиётшиносии имрӯзи мо мавқеи босазо ва муайянкунанда дорад. Ба андешаи мо, унвонҷӯ дар ҳаҷми се боб заминаҳои ташаккулу таҳаввули назми ин давра, инчунин заминаҳои айнӣ ва зеҳнии чунин дигаргуниҳоро дар мисоли осори манзуми Аминҷон Шукӯҳӣ басо амиқу дақиқ ба тадқиқ гирифта, мувофиқи матлаб натиҷагирӣ намудааст. Дуруст аст, ки дар хусуси таҳаввули назми ин давра як гурӯҳ олимони ватаниву хориҷӣ асарҳои ҷиддии илмӣ таълиф намудаанд. Вале ба андешаи унвонҷӯ, «ба таҳқиқ фаро гирифтани рӯзгору осор ва вижагиҳои ашъору навпардозиҳои Аминҷон Шукӯҳӣ ҷойгоҳи ӯро дар адабиёти муосири тоҷик муайян

менамояд ва ин диссертатсия дар тавзеҳи мавзӯъҳои баҳсталабу норавшани илми адабиётшиносӣ, хусусан масъалаҳои ба фаъолияти эҷодии адиб рабтдошта кори илмӣ-таҳқиқотии муҳим аст» (автореферат, саҳ. 3).

Муҳаққиқ дар баробари таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии Аминҷон Шукӯҳӣ нақши ӯро дар таҳаввули назми солҳои 50-70-уми асри бисти тоҷик дар сатҳи баланди таҳлилию таҳқиқӣ таъйин карда, ба хулосаҳои ҷолиб расидааст. Хусусан, дар бобҳои дуюм («Аминҷон Шукӯҳӣ ва мақоми ӯ дар назми солҳои 50-70-уми садаи XX») ва сеюм («Хусусиятҳои услубию бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ»)-и диссертатсия таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба масъалаҳои меҳварӣ равона шудааст.

Ҷолибияти равиши таҳқиқи унвонҷӯ ин аст, ки дар ҳар фаслу зерфасл ва бобҳо аз муҳокима ва баррасиҳои суратгирифта натиҷагирӣ мешаванд. Муҳаққиқ андешаҳои ғалат, маълумоти носаҳеҳ ва ё беасосро собит карда, истиқлоли андеша дорад ва хулосаҳои мустақилонаи илмӣ мебарорад. Масалан, дар фасли аввали боби дуюм, ки «Аминҷон Шукӯҳӣ ва мероси адабии ӯ» ном гирифтааст, муҳаққиқ зарурати таҷдиди назар ва бо низоми муайян ба таҳқиқ фаро гирифта шудани зиндагиномаи адибро асоснок намуда, чунин андеша баён кардааст: «... дар сарчашмаҳои илмию адабӣ, шарҳиҳолӣ ва энсиклопедӣ тарҷумаи ҳоли Аминҷон Шукӯҳӣ дар шакли номукаммал ба назар мерасад ва илова бар ин, дар чанде аз ин таълифот нисбат ба зиндагиномаи шоир ва манбаю номгӯи осору ашъори ӯ беэътиноӣ зоҳир шуда, даледу назарияпардозиҳои ғалат ва тасҳеҳталаб ҷой доранд» (автореферат, саҳ. 14).

Автореферати диссертатсияи Бобомаллаев И.Ҷ. дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, таҳлилу муҳокимаҳо ва натиҷагириҳояш қобили таваҷҷуҳанд. Дар ин ҷо чанд норасоӣ ва тавсияҳои худро барои пешрафти корҳои илмии муҳаққиқ пешниҳод менамоем:

1. Дар қисмати асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ дар баробари усулҳои истифодашуда, методи шарҳи осори адабӣ низ зикр меёфт, хуб мебуд, чунки ба талаботи маводи таҳқиқшаванда мувофиқ аст.

2. Дар автореферат омехта шудани мавқеи истифодаи истилоҳоти илмӣ, махсусан, мафҳумҳои сабк ва услуб (саҳ. 20), ҳамсон зикр кардани сабки хуросонию бозгашт (саҳ. 10) ба назар расид, ки ба андешаи мо, тасҳеҳ мехоҳанд.

3. Дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ шеъри манзара ва таваҷҷуҳ ба унсурҳои табиат чашмрасанд. Ба назари мо, дар фасли "Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ" таҳлилу таҳқиқи ашъори ба мавзӯи табиат бахшидаи шоир зарурат дошт.

Норасоиҳои зикрёфта ҷузъию ислоҳшавандаанд ва хулосаи мо ин аст, ки автореферати диссертатсияи Бобомаллаев И.Ҷ. дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50 - 70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» дорои дастовардҳои хуби илмӣ буда, муҳаққиқ шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва
журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқова З.К.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992) 918670850
E-mail: mudir-72@mail.ru

Имзои Холиқова З.К.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992-33-22) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj

14 декабри соли 2020.